**Суратҷаласаи № 35-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик).

аз 24 сентябри соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

24 сентябри соли 2024, соати $15^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис**: доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ**: номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

РӮЗНОМА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна** дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Набиев Абдухолиқ Мирзоевич мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2. **Мирсаид Баҳром Тоҳир** – номзади илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи вилоятии омавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Саъдӣ Қосимӣ, В. Охониёзов ва Ш. Суфизода ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** - номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Набиев Абдухолиқ Мирзоевич тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, хулосаи шуъбаи адабиёти муосири ИЗА ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат ҷавоб дод.

Гузориши муқаррizи расмӣ - **Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуд. Бо сабабҳои узрнок муқаррizи расмии дуввум **Мирсаид Баҳром Тоҳир** – номзади илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи вилоятии омавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд дар ҷаласа иштирок карда натавонистанд ва бинобар ин тақризи муқаррizи дувум аз тарафи котиби илмии шуро Мухамедходжаева Р. хонда шуд.

Ба эродҳои муқаррizони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илм А. Ҳакимов, Ш. Суфизода ва Саъдӣ Қосимӣ андешаҳои худро ба ҳайси муқаррizони ғайрирасмӣ баён дошта, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Р. Қурбонзода, П. Нуров ва Саъдӣ Қосимӣ шомил гардиданд.

Аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

# ҚАРОРИ

## шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**аз 24.09.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна** дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик), тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ - **Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Мирсаид Баҳром Тоҳир** – номзади илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи вилоятии омавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд, муқарризони ғайрирасмӣ докторҳои илм А. Ҳакимов, Ш. Суфизода ва Саъдӣ Қосимиро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна**

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) дода шавад.

4. Ба додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Муҳаммадохирова Ҳанифа Иброҳимовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

24.09.2024